Боре марди хасисе ба устои кулоҳдӯз як дона пӯсти гӯсфанд оварда хоҳиш кард: - Аз ин пӯст бароям кулоҳе бидӯз.



-Хеле хуб, - гуфт кулоҳдӯз, - медӯзам.

Он мард аз дукони кулоҳдӯз баромаду фикр кард: «Охир, ин пуст калон аст. Шояд дуто кулоҳ дӯхтан мумкин бошад?. Боз ба назди кулохдӯз омаду гуфт:

- Усто, ту метавонӣ аз ин пӯст бароям дуто кулоҳ бидӯзӣ?

- Чаро надӯзам, албатта, медузам! - гуфт кулоҳдӯз.

-Ин тавр бошад, дуто бидӯз. - гуфт он мард ва рафт.

Ба фикри шумо давоми афсона чи тавр мешавад?



Каме роҳ рафту фикр кард ва баргашту пурсид:
- Усто, аз ин пӯст сето кулоҳ дӯхта наметавонӣ?
- Чаро не? Сето ҳам медӯзам!
Марди хасис хурсанд шуду пурсид:
- Чорто дӯхта метавонӣ
- Чорто ҳам метавонам!
- Панҷто ҳам метавонӣ?
- Панҷто ҳам медузам.
- Шашто хам?
- Медузам!
-Ҳафтто ё беҳтараш ҳаштто ҳам метавонӣ?
- Чаро натавонам? Ҳаштто хам метавонам.
- Пас, бароям ҳаштто кулоҳ бидӯз!
-Хеле хуб, ҳаштто медузам. Баъди як ҳафта биё
Марди хасис баъди як ҳафта ба назди кулоҳдӯз омада пурсид
- Кулоҳҳои маро дӯхтӣ?
-Дӯхтам! - гуфт усто ва ба шогирдаш фармуд:
-Кулоххоро биёр!
? Фикрҳои шумо тасдиқи худро   фтанд?
Давоми авсона чи мешавад?



Шогирд рафту хаштто кулоҳ овард. Вале онҳо чунон буданд, ки ба сари одам не, фақат ба себ пӯшондан мумкин буд.
Мард ҳайрон шуду пурсид:
-Чаро кулоҳҳо ин қадар хурданд?
-Худат фикр кун! - гуфт устои кулоҳдӯз.
Марди хасис хаштто кулохи хурдакакро гирифта рафт ва хамеша фикр мекард: «Чаро кулоххо ин қадар хурд шуданд?
Чаро?»
Аз авсонаи зерин шумо чи хулоса баровардед?



